**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа**

Воқеан, андешаи диссертант аслияти илмӣ дорад, ки масъалаи озодии шахс пайваста бо масъалаи ҳудуди паҳншавии он иртибот дорад. Зеро, озодӣ масъулиятест, ки барои бар дӯши хеш гирифтани он на ҳама омодаанд, аз ин рӯ, аксаран гурез аз озодӣ, аз худ, конформизм, парокандагии равонии шахсият мушоҳида карда мешавад. Аз ин рӯ, аҳамияти мавзуи интихобшуда бо зарурати на танҳо дарки фалсафии он, балки инчунин ҳаллу фасли масъалаҳои амалии вобаста ба раванди инкишофи прогрессивии он табдил додани тамоюлоти берабту низоми худшиносии воқеияти иҷтимоӣ вобастагӣ дорад.

Инчунин, давлати озоди демократии ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро танҳо дар сурати мухторияти шахсӣ созмон додан мумкин аст, ки он на танҳо озодии шахсии инсон, балки ягонагии имкониятҳои дохилию берунии рушди фарҳанг, маънавият ва некӯаҳволии ӯ бо таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодию сиёсии шаҳрвандҳои онро таъмин месозад. Аз ин рӯ, омӯзиши тамоилот ва мушкилоти равандҳои ташаккул ва тағйирёбӣ инсонро бо зарурати ҳифз ва баланд бардоштани сатҳи озодӣ дар ҷомеаи тағйирёбанда вазифаи муҳими илмию амалӣ ҳисобидан, воқеияти илмӣ дорад.

Диссертант барҳақ қайд мекунад, ки дар бораи озодӣ ва тобеияту итоати инсон ҳам мутафаккирони шарқӣ ва ҳам ғарбӣ бисёр навиштаанд. Ин масъала дар Шарқ аз давраҳои қадим дар таълимоти намояндагони мактабҳои фикрӣ, фирқаҳо ва ҷараёнҳои мутамоил ба ақлгароии фалсафӣ матраҳ гардидааст. Дар замони муосир масъалаи озодии инсон яке аз масъалаҳои бунёдии марбут ба ҳаёти иҷтимоии ӯ мебошад. Дар маҷмуъ, масъалаи мазкур ба муҳити ҷаҳоншумули имрӯзаи рабт дорад, ки он инсонро ҳарчи бештар барои дарк кардан ва ба даст овардани озодии шахсиаш барои касби хислатҳои мустақилӣ, хирадмандӣ, саъю кӯшишҳо барои беҳбудии ҳаёташ таҳрик медиҳад ва ға йра. Ин ва дигар нуктаҳои дар қисмати актуалӣ будани мавзуъ дарҷёфта, аз мубрам будани мавзуъ гувоҳӣ медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он муайян мегардад, ки масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он дар таълимоти машшоиёни шарқӣ ҳамчун як таҳқиқоти мукаммал бори аввал дар фазои илмии пасошӯравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотии мазкур, ки ҳамчун навгонӣ эътироф шудаанд, нуктаҳои зерро инъикос медоранд: асоснок гардид, ки дар ташаккулёбии таълимот оид ба озодии инсон ва ҳудудҳои он дар заминаи ақлгароӣ ва синтези назарияҳою таълимоти мактабҳои фалсафию динии гуногун барои машшоиёни шарқӣ, пеш аз ҳама, омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таъсир расондаанд; дар доираи фаҳмиши масъалаҳои ҷабр ва ихтиёр, қазо ва қадар дар таълимоти машшоиёни шарқӣ иртиботи онҳо бо озодии инсон ба таври

мукаммал ва муназзам нишон дода шуда, асоснок мегардад, ки инсон дар кору кирдораш озод аст ва қазою қадар ва сарнавишти пешакӣ муайяншудаи ӯ низ имкон медиҳанд, ки ҳаёташро худаш идора кунад; таҳлили муқоисавии масъалаи озодии инсон ва ҳудудҳои он дар таълимоти машшоиёни шарқӣ нишон додо шудааст; муқаррар кардааст, ки теобеият ва итоати инсон аз назари машшоиён маънои бардагию ғуломии фитрӣ надорад, балки он тобеиятест, ки онро дар мадинаи фозила мартаба ва мақомҳои одамон тақозо мекунад. Инчунин, дар муносибат бо ҳокимияти динӣ ва сиёсӣ масъалаи озодии инсон ва шахс, тобеият ва итоати инсон, аз нигоҳи машшоиёни шарқӣ, дар ҳамбастагии адолати иҷтимоӣ бо адолати илоҳӣ муайян мегардад.

Асосҳои назариявии диссертатсияро андешаҳои дар асарҳои мутафаккирон юнонию шарқӣ баёншуда, ки дар онҳо масъалаи озодии инсон баррасӣ шудааст, назарияҳои мутафаккирони марҳилаҳои баъдӣ доир ба мавзуи мазкур, ҳамзамон, таҳқиқоти олимони муосири соҳаҳои фалсафа, психология, ахлоқ ва диншиносӣ, ки ба мавзуъ иртибот доранд, ташкил медиҳанд. Асоси методологии таҳқиқоти мазкурро методҳои умумиилмии фалсафӣ ва илмӣ ташкил медиҳанд.

Инчунин, зимни омӯзиш ва таҳлили матнҳои классикӣ диссертант методҳои герменевтикӣ ва принсипи айният (объективият)-ро, ки барои омӯзиши амиқи матнҳо мусоидат мекунанд, истифода мебарад. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада бо заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи шумораи зиёди сарчашмаҳо ва таҳқиқоти илмӣ оид ба мавзуъ, истифода аз методҳои умумимантиқӣ, махсус ва бо овардани далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боварибахш муайян мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои вусъат бахшидани омӯзиши масъалаи озодии инсон ва шахс ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, антропологӣ-иҷтимоӣ мусоидат намуда, дар таҳияи ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва танзими ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва созмонҳои дигар истифода шуда метавонанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди таълими фанҳои таърихи фалсафа, диншиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, антропология, ахлоқ, фарҳангшиносӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гиранд.

Тавсияҳои диссертант дар мавриди он, ки равиши ақлгароии машшоиёни шарқӣ бояд аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи таърихи фалсафа ва илмҳои дигари фалсафии Тоҷикистон ҳангоми таълифи асарҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ тарғибу ташвиқ карда шавад; ба баррасии масъалаи ҷабр, қазову қадар аз ҷанбаи ақлонӣ таваҷҷуҳ дода шавад; масъулияти ахлоқӣ ба озодии инсон, ихтиёрӣ даст кашидани одамон аз озодии мутлақи худ, ки машшоияи шарқӣ роҳи камол ва ба саодат расидан меҳисобанд барои тарбияи ахлоқии кулли аъзои ҷомеаи муосири тоҷик метавонад ҳам аҳаммияти илмӣ ва ҳам амалӣ касб кунад; риоя кардани меъёрҳои муайяни ҷомеа, ки аз ҷониби машшоиёни шарқӣ муқаррар гардидаанд барои коркарди консепия ва барномаҳои зиёди давлатию ҷамъиятӣ дар самти бунёди ҷомеаи адолатпарвар, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷкистон ҳамчун ҳадафи олӣ қарор дода шудааст, ба манфиат мебошад ва ғайра

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар 16 мақолаҳои млмии муҳаққиқ, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гаштаанд, 9 мақола, ки дар нашриёҳои дигар ба чоп расидаанд ва монографияи диссертант мазмуни диссертатсияро ифода медоранд.

Дар баробари бартариятҳо дар диссертатсия камбудиҳо ва баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқи масъалаи ҷабр ва ихтиёр муаллиф бештар ба ҷанбаи метафизикии масъала даҳолат кардааст. Хуб мешуд, ки агар ҷанбаи иҷтимоии он бештар мавриди таҳлил ва баррасӣ таҳлил ёфта, аҳамияти онро барои ҷомеаи муосир муаррифӣ менамуд.
2. Дар кори таҳқиқотии Ҳ. Зикирзода, ки ба фалсафаи машшоияи шарқӣ бахшида шудааст, муаллиф дар бораи ақоиди машшоиёни ғарбии испанӣ – Ибн Рушд, Ибн Боҷа ва Ибн Туфайл таҳлил ва хулосабардорӣ намудааст, ки ба назари мо, аз нигоҳи мантиқи гузориши масъала он қадар саҳҳеҳ нест, зеро онҳо ба машшоиёни шарқӣ муносибат надоранд.

Умуман, камбудиҳои ҷойдошта мазмуни диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Автореферат ба таври низ мазмуни диссертатсияро инъикос медорад.

Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зикирзода Ҳобил барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, арзанда мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи
давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи
Абӯалӣ ибни Сино Саидов А.А.

ИМЗОИ/ПОДПИСЬ Саидово А.А
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
« » 20 с/г

05.06.2024